# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

1. Мувофиқи арзёбии ҳисоботи ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ оид ба рақобатнокии иқтисодиёти соли 2018 Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи хариди давлатии маҳсулоти пешрафтаи технологӣ дар байни 137 кишвар ҷойи хеле баланди 26-умро ишғол менамояд. Бахши рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дар зинаи тавлид қарор дорад. Ин ҳолат низ бо амалан мавҷуд набудани дастрасии соҳибкорон ба алоқаи фарохмавҷ вобаста мебошад, ки рушди ҷараёни инноватсияро дар кишвар бозмедорад. Камтар аз 1% корхонаҳои мавҷуда хизматрасониҳои рақамиро пешниҳод менамоянд. Бо ҳамин сабаб амалан корхонае вуҷуд надорад, ки маҳсулоти иттилооти рақамӣ ва воситаҳои алоқа истеҳсол намояд, ки ин аз ҷумла ба мураккабии гирифтани иҷозатнома барои истеҳсоли аудио-видео контент алоқаманд мебошад.

Дар асоси Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар соли 2015 вазни қиёсии аҳолие, ки суратҳисобҳои бонкӣ доранд, танҳо 26,3 фоизро ташкил медиҳад. Дастрасӣ ба суратҳҳисобҳои истифодаи фосилавӣ, яъне кортҳои пластикӣ (14,7 фоиз), тариқи шабакаи интернет ва ё интернет-бонкинг (0,2 фоиз), тавассути алоқаи мобилӣ (0,3 фоиз) боз ҳам пасттар мебошад. Аз ин рӯ, баҳри баланд бардоштани саводнокии молиявии шаҳрвандон доираи хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои

фосилавӣ: шабакаи интернет, алоқаи телефонии мобилӣ ва бонк-муштарӣ бояд васеъ гардад.

Дар баробари ин зикр намудан зарур аст, ки дар муқарароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои муқаррароти умумии моддаи 566 – фурӯши мол тибқи намунаҳо) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" меъёри мушаххас оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҷой надорад. Дар ҳолате, ки ин санадҳои заминавӣ меъёри мушаххасро оид ба садои фосилавӣ муқаррар намекунанд, дар асоси қисми 2, моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, № 943 "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ ҳуқуқ доранд шакли савдо (дар объектҳои доимии савдо, берун аз объектҳои доимии савдо, аз ҷумла ярмаркаҳо, намоишҳо, дастифурӯшӣ, усули фосилавии фурӯши мол, фурӯши мол бо истифодабарии автоматҳо, дигар шаклҳои савдо)-ро мустақилона муайян намоянд.

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар шароити муосир дар сатҳи дисссертатсионӣ дар Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 2 монография, 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Майнусова З.М., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи

соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Сидиқов Дилшод Аҳрорович – н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Ғаюрзода Ш.К.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Муртазозода Ҷ.С.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қурбонов Қ.Б.

«09» январи 2024